**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ТДУ 342(091)(575.3)
ТКБ 67.6 (2 тоҷик)
Ҷ-30

**ҶАМШЕДЗОДА КОМРОН ҶАМШЕД**

# ТЕХНИКАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛӢ

АВТОРЕФЕРАТИ
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**Душанбе – 2022**

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Холиқзода Абдураҳим Ғафор** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Директори маркази исломшиносии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Нематов Акмал Рауфҷонович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Сарходими илмии Иниститути фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |
| | **Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи идораи давлати ва ҳуқуқи факултети идораи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара |
| **Муассисаи пешбаранда:** | Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон |

Ҳимояи диссертатсия «20» декабри соли 2022, соати 10:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди ДМТ (734025, ш. Душанбе, кӯч. Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ) баргузор мегардад.

Бо мухтавои диссертатсия тавассути сомонаи www.tnu.tj ва дар китобхонаи марказии ДМТ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» ____________ соли 2022 тавзеъ шуд.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Назаров А.Қ.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Сарчашмаҳои илми ҳуқуқшиносӣ собит менамояд, ки бо пешрафти ҷомеа муносибатҳои ҷамъиятӣ пайваста тағйир ёфта, дар ин замина ба муносибатҳои нав мутобиқ гардонидани қонунҳо шарти асосии таъмин намудани рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар мебошад. Аз ин лиҳоз, мақоми олии қонунгузорро зарур аст, ки пайваста ба сатҳу сифати қонунҳо, такмили механизми иҷрои онҳо, ба талаботи ҷомеа ва шаҳрвандон ҷавобгӯ намудани мазмуни қонунҳо эътибори ҷиддӣ диҳад. Дар ҷараёни мутобиқ гардонии мазмуни қонунҳо масъалаҳои ҳуқуқии такмили сифати қонунгузорӣ, техникаи ҳуқуқӣ ва тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ ҳамчун расмиёти вижаи раванди қонунгузорӣ аҳаммияти махсус касб менамояд.

Сатҳу дараҷаи ҳуқуқбунёд будани давлат аз сатҳу сифати қонунҳои он вобаста аст[1]. Дар ин росто, риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҷиҳати мутобиқ гардонидани санадҳои қонунгузорӣ барои танзими муносибатҳои нави дар ҷомеа ба миён омада, аҳаммияти аввалиндараҷа касб менамояд[2]. Ин ҳолат масъалаҳои ҳуқуқии ташкили дурусти раванди тағйирдиҳии меъёрҳои санадҳои қонунгузориро мубрам менамояд.

Консепсияи пешгӯйии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, (минбаъд – ҶТ) ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 19 феврали соли 2011, № 1021 тасдиқ шудааст, ислоҳи камбудиҳои соҳаи фаъолияти қонунгузориро дар самти паст намудани зиддияти байни санадҳои қонунгузорӣ; дар баробари ин талабот оид ба таърифи возеҳи эътибори қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; мавҷудияти шумораи зиёди меъёрҳои истинод ва дигар аз масъалаҳои муҳимми раванди қонунгузориро мавриди баррасӣ қарор додааст[3]. Масъалаҳои матраҳшаванда дар Консепсия ҳамагӣ тавъаманд ба ислоҳи раванди қонунгузорӣ ва такмили сифати қонунҳо дар ҷараёни ворид намудани тағйиру иловаҳо, ки бешубҳа аҳаммияти мавзуи таҳқиқшавандаро дучанд менамояд.

Сазовор ба қайд аст, ки раванди ворид намудани тағйиру иловаҳои сершумор ба меъёрҳои кӯҳна ва қоидаҳои кӯҳнаи амалкунанда

---

[1] Ниг.: Эмомалӣ Раҳмон – Кафили истиқлолияти миллӣ ва пойдории давлат // Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати 15-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Садои мардум, 9 ноябри соли 2009 – № 128 (2504).

[2] Ниг.: Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2018, № 1005 // Адлия: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли 7.0 // Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. (санаи муроҷиат: 04.10.2021 с.).

[3] Ниг.: Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ,Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011, № 1021. Адлия: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли 7.0 // Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. (санаи муроҷиат: 18.10.2021 с.).

дар ҷараёни ислоҳоти қонунгузорӣ ҳамагӣ бо тамоми назокати ҳуқуқии танзими муносибатҳои нав ва ҳамоиши мавзуни меъёрҳои нав бо кӯҳнаи ба шакл даромада, аз ваколатҳои муҳимми мақоми қонунгузории кишвар дар ҷараёни ислоҳоти низоми ҳуқуқӣ маҳсуб мегардад. Дар ин ҷараён дарки табиати ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби қишрҳои аҳолӣ; ислоҳоти мутаносиби қонунгузорӣ ва ҳуқуқэҷодкунӣ дар низоми рушди ҷомеа; фаҳм ва ҳазми усули ислоҳи норасоиҳои меъёрҳои танзимкунанда дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақоми қонунгузор бо мақсади баланд бардоштани сифати қонунгузорӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар кишвар аз масоили муҳимми рушди низоми қонунгузории кишвар ба шумор мераванд.

Ислоҳ ва рушди фаъолияти қонунгузорӣ дар маҷмуъ ба соҳаи техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ марбут мебошанд. Аз ин дидгоҳ рисолаи илмӣ зарурати ислоҳ намудани норасоиҳоро дар самти қоидаҳои техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар маркази таҳқиқоти мазкур қарор дода, тавсияҳои илман асоснокро барои бартараф намудани онҳо дар раванди қонунгузорӣ ва такмили низоми ҳуқуқии кишвар таҳия ва коркард менамояд.

Масъалаҳои назариявӣ ва амалии дар рисола таҳқиқотшуда афзалият ва мубрамияти онҳо аҳаммияти амалӣ ва назарии мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро дар фазои илмии кишвар муайян менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Мавзуи техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ то ҳол дар ҶТ ҳамчун мавзуи ҳирфавии таҳқиқоти диссертатсионӣ мавриди баррасӣ қарор дода нашудааст. Аммо, мавзуи мазкурро аз назари умум дар паҳноҳои мухталиф олимони ватанӣ – Ф.Т. Тоҳиров[4], М.А. Маҳмудзода[5], А.Ғ. Холиқзода[6], Р.Ш. Шарофзода[7], Э.С. Насриддинзода[8], У.А. Азиззода[9], Д. Раҳмон[10], Ҷ.М. Зоир[11], Б.А. Сафарзода[12], М.З. Раҳимзода[13], А.Р. Нема-

[4] Тахиров Ф.Т. Роль Российского законодательства в формировании правовой системы автономного Таджикистана / Ф.Т. Тахиров // Роль России в становлении Таджикской государственности (1917-1929): Материалы науч.- практ. конф. – Душанбе, 2000. – С. 136-141.

[5] Маҳмудзода М.А. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва аҳаммияти он дар рушди давлатӣ соҳибистиқлол. Нашри 2-м. / М.Маҳмудзода, Р.Сотиволдиев. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – С. 4.

[6] Холиқов А.Ғ. Андешаи давлати миллӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – 682 с.

[7] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат. китоби дарсӣ. – Душанбе, 2008. – 391 с.

[8] Насриддинзода Э.С. Фарҳанги хуқуқӣ. – Душанбе, 2016. – 313 с.

[9] Азизов У.А. Фаъолияти қонунгузорӣ: паҳлуҳои назариявӣ ва амалӣ / воситаи таълимӣ. Азизов У.А. – Душанбе, 2014. – 207 с.

[10] Сафаров Д.С. История государства и права Таджикистана. – ч. 1. – Душанбе, 2013. – 156 с.

[11] Зоиров Дж.М., Сафаров Б.А. Суверная государственность на постсоветском пространстве. – Санкт-Петербург, 2012. – 335 с.

[12] Сафарзода Б.А. Международные стандарты в области прав человека: история и современность. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 323 с.

тов[14], З.А. Саидзода[15], А.Ғ. Холиқзода[16], Х. Саъдулло[17] ва дигарон дар доираи тафсирҳо, воситаҳои таълимӣ, монографияҳо ва мақолаҳои илмӣ баррасӣ намудаанд.

Мавзуи номбурда аз паҳлуҳои мухталиф вобаста ба замону макон аз ҷониби олимони Федератсияи Россия ва муаллифони дигари хориҷӣ, ба монанди Д.В. Чухвичева[18], Т.В. Кашанина[19], С.С. Алексеева[20], Н.А. Власенко[21], В.М. Баранова[22], Д.А. Керимова[23], А.С. Пиголкина[24], Ю.А. Тихомиров[25], Ю.А. Дмитриева[26], Л.Ф. Иличев[27], С.М. Ковалев[28], Р. Иеринг[29], Г.И. Муромсев[30], В.С. Нерсесянс[31], А.Б. Венгеров[32], И.А. Семенов[33], В.Д. Перевалов[34], А.А. Мусаткина[35], О.А. Пучков[36], А.В. Малко[37], Н.И. Мату-

---

[13] Раҳимов М.З. Таҷассуми ҳуқуқ дар дарки ҷавҳари он аст. Дар коргоҳи қонун – Душанбе, 2005. – 241 с.

[14] Нематов А.Р. Правотворчество в Республике Таджикистан / А.Р. Нематов. – Saarbrucken, Germany: LapLambert Academic Publishing, 2013. – 412 с. (на англ. яз.)

[15] Саидов З.А. Исторические особенности действия норм шариата в Бухарском эмирате (1868 - 1920 гг.): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 10-19.

[16] Холиқзода А.Ғ., Ҳоҷиев М. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ». – Душанбе: Эр-граф, 2017. –527 с.

[17] Саъдулло Х. Асри қонун – Душанбе, 2005. – 309 с.

[18] Чухвичев Д.В. Законодательная техника. Вт. Изд-е – М., 2014. – 415 с.

[19] Кашанина Т.В. Юридическая техника. – М., 2008. – 180 с.

[20] Алексеев С.С. Общая теория права: в 2-х т. – Т. 2. / С. Алексеев. – М.: Юрид. лит.,1982. – 360 с.

[21] Власенко Н.А. Законодательная технология. (Теория. Опыт. Правила). – М.: Российская академия правосудия, 2007. – 195 с.

[22]Баранова В.М. Законотворческая техника современной России: состояние, проблемы, совершенствование: сб. ст.: в 2 т. / под ред.. Н. Новгород, 2001. – Т. 1. – С. 9-24.

[23] Керимов Д.А. Культура и техника законотворчества / Д.А. Керимов. – М.: Юрид. лит., 1991. – 160 с.

[24] Пиголкин А. С. Законотворчество в Росийской Федератции – М., 2000. – 303 с.

[25] Тихомиров Ю.А. О правилах законодательной техники / Ю.А. Тихомиров // Журн. рос. права. – 1999. – № 11. – 275 с.

[26] Дмитриева Ю.А. Теория государства и права: учебник / под ред. А.С. Пиголкина. – М., 2006. – 436 с.

[27] Ильичев Н.Н. Философский энциклопедический словарь / гл. редакция: – М.: Советская энциклопедия, 1983. – 682 с.

[28] Ковалев В.Г. Советская энциклопедия – М., 1983. – 581 с.

[29] Иеринг Р. Юридическая техника / Р. Иеринг, сост. А.В. Поляков – М.: Статут, 2008. – 231 с.

[30] Муромцев Г.И. Юридическая техника: Некоторые теоретические аспекты // Правоведение. – М., 2000. – № 1. – 269 с.

[31] Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства: учебник для юрид. вузов и фак. / В.С. Нересянц. – М.: НОРМА-ИНФРА-М, 1999. – 552 с.

[32] Венгеров, А.Б. Теория государства и права: учебник 9-е изд., стер. / А.Б. Венгеров – М.: Омега-Л, 2013. – 607 с.

[33] Семенов И.А. Законодательная техника в уголовном правотворчестве / И.А. Семенов. – Тюмень, 1998. – 115 с.

[34] Перевалов В.Д. Теория государства и права: учебник / В.Д. Перевалов. – М.: Высшее образование, 2005. – 379 с.

[35] Мусаткина А.А. Правотворчество и законодательство // Теория государства и права: учебник- 4-е изд, стер. / коллектив авторов; отв. ред. А.В. Малько.– М.: КНОРУС, 2012. – 290 с.

[36] Пучков О.А. Формы (источники) права. Правотворчество / О.А. Пучков // Теория государства и права / под ред. В. М. Корельского. – М.: Норма, 1997. – 322 с.

зов[38], Л.А. Морозова[39], А.Ф. Черденсев[40], Т.Я. Хабриева[41], В.Н. Карташов[42], В.А. Толстика[43], Б.В. Чигидин[44] ва дигарон низ марвиди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар илми ҳуқуқшиносии ҶТ профессор Холиқзода А.Ғ. китобҳои «Андешаи давлати миллӣ»[45] ва «Мафкураи миллӣ ва ҳуқуқ»-ро бо забони тоҷикӣ ба нашр баровард,[46] ки дар онҳо таҷрибаи бойи ватанию хориҷии беҳтар кардани сифати қонунгузорӣ масъалагузорӣ гардидааст. Инчунин, профессор М.З. Раҳимзода ва А.Р. Нематов монографияи «Техникаи қонунгузорӣ» ва мақолаҳои илмиро оид ба мушкилоти сифати қонун ба табъ расонидаанд[47]. Ҷанбаъҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ, аз ҷумла техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар асарҳои Тоҳиров Ф.Т., Маҳмудзода М.А., Тағойназаров Ш.Т., Раҳимов М., Шарофзода Р.Ш. инчунин, дар рисолаи доктории Нематов А.Р. «Қонунгузорӣ дар ҶТ: масъалаҳои мубрами назария ва амалия» ва рисолаи номзади илмҳои ҳуқуқӣ Давлатзода Ш.Ш. «Техникаи қонунгузорӣ дар ҶТ: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» («Законодательная техника в Республике Таджикистан: вопросы теории и практики») дида мешаванд. Муҳаққиқ Холиқзода А.Ғ. рисолаи номзадӣ дар мавзуи «Сифати қонун» дифоъ намуданд,[48] ки роҳҳои ҳуқуқӣ ва фалсафии баланд бардоштани мазмун ва сифати қонунҳоро дар ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ қарор доданд. Ҳамзамон, Холиқзода А.Ғ. ва Ҳоҷиев М. тафсири Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»[49]-ро ба нашр баровper, ки дар амалия ва рушди илми ҳуқуқшиносии ҶТ мақоми хоса дорад.

---

[37] Малько А.В. Теория государства и права: учебник. – М.: Юристъ, 2009. – 310 с.

[38] Матузов Н.И. Теория государства и права: учебник / Н.И. Матузов, А.В. Малько. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Юристъ, 2009. – 541 с.

[39] Морозова Л.А. Теория государства и права: учебник / Л.А. Морозова. – М.: Юристъ, 2002. – 414 с.

[40] Черданцев А.Ф. Теория государства и права. – М., 1999. – 366 с.

[41] Хабриевой Т.Я. и Власенко. Н.А. Юридическая техника: учебное пособие по подготовке законопроектов и иных нормативных правовых актов органами исполнительной власти / под ред. и – М., 2009. – 185 с.

[42] Карташов В.Н. Юридическая технология или юридическая техника? Некоторые методологические аспекты исследования / В.Н. Карташов. – М., 2007. – № 1. – 316 с.

[43] Толстик В.А. Проблемы понимания термина «законодательство» в контексте систематизации нормативных правовых актов / В.А. Толстик. – Н. Новгород, 2008. – 385 с.

[44] Чигидин Б.В. К вопросу о понятии юридической техники / Б.В.Чигидин // Представительная власть – XXI век: законодательство, комментарии, проблемы. – М., 2002. – № 5-6. – 239 с.

[45] Холиқов А.Ғ. Андешаи давлати миллӣ / А.Ғ Холиқзода. – Душанбе, 2013. – 682 с.

[46] Холиқзода А.Ғ. Мафкураи миллӣ ва ҳуқуқ / А.Ғ Холиқзода. – Душанбе, 2021. – 588 с.

[47] Раҳимзода М.З., Нематов А.Р. Техникаи қонунгузорӣ – Душанбе, 2011. – 196 с.

[48] Холикзода, А.Г. Критерии качества закона: общетеретическое исследование дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Холикзода А.Г. – Душанбе, 2018. – 210 с.

[49] Холиқзода А. Ғ., Ҳоҷиев М. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» – Душанбе, 2017. – 527 с.

Саҳми олимони болозикри ватанию хориҷӣ дар рушди қонунгузорӣ вобаста ба мавзуи техникаи ворид намудани тағйиру илова ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар умум бориз мебошанд. Аммо, корҳои илмии олимони ватанӣ аслан масъалаҳои ҷузъӣ ва ё умумии мавзуи баррасишавандаро дар бар гирифта, таҳқиқоти олимони дигар бошад, аз рӯйи қонунгузории Федератсияи Россия гузаронида шудааст. Дар баробари ин дар фазои илмии ватанию кишваҳои пасошуравӣ то ҳол рисолаи илмии махсус ба мавзуи баррасишаванда бахшида нашудааст. Бо дар назардошти ҳолатҳои ҷойдошта, таҳқиқоти мазкур ҳамчун нахустин таҳқиқоти илмӣ дар самти техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ имкон дорад, фазои холии илмиро дар раванди қонунугзории миллӣ пурра намуда, норасоиҳое, ки дар қонунгузории ҶТ вобаста ба техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавҷуданд, ошкор ва бартараф созад.

Сарфи назар аз таҳлилҳои илмии мавҷуда ва заминаи мустаҳками илми ҳуқуқшиносӣ дар замони муосир, мавзуи техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, бо сабаби гуногунандешии мафҳумҳои калидӣ ва бунёдии техникаи ҳуқуқӣ, техникаи қонунгузорӣ ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар байни олимон, ба пойгоҳи мухолифати истилоҳотӣ табдил ёфта, ба раванди қонунгузорӣ дар умум таъсири манфӣ расонидааст. Ин аст, ки масъалаи баланд бардоштани сифати техникӣ ва ҳуқуқии санадҳои қонунгузорӣ, татбиқи самарабахши қоидаҳои техникаи қонунгузорӣ, риояи қоидаҳои услубӣ, мантиқӣ, моддӣ, расмӣ, возеҳӣ, дақиқӣ, ягонагии истилоҳоти ҳуқуқӣ ва таърифи истилоҳоти ҳуқуқӣ то ҳол аксарияти муҳаққиқонро ба ташвиш овардааст.

Аз соли 2014 дар факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон курси омӯзишии «Техникаи ҳуқуқӣ» ҷорӣ карда шудааст. Бо вуҷуди ҳамаи ин, дар Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ ҳанӯз анҷом дода нашудааст. Гузашта аз ин, омӯзиши ҷанбаъҳои алоҳидаи таҷрибаи техникаи ҳуқуқӣ, техникаи қонунгузорӣ ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар мақоми қонунгузори кишвар дар рушди қонунгузории ҶТ ва камбудиҳо дар соҳаи риояи қоидаҳои техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нишон дод, ки норасоиҳо дар ин самт кам нестанд. Дар рисола, ҷиҳати бартараф намудани норасоиҳои мазкур таклифу пешниҳодҳои мушаххас таҳия гардидааст, ки метавонанд барои рушди қонунгузории ҶТ саҳми арзанда гузоранд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ**. Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ – ин тавассути омӯзиши комплексӣ муайян намудани масъалаҳои муҳимми назарӣ ва амалии ворид намудани тағйироту иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шароити муосири раванди қонунгузорӣ, баланд бардоштани сатҳ ва сифати ҷараёни тағйирдиҳии меъёрҳои санадҳои қонунгузорӣ, муайян намудани камбудиҳо вобаста ба мавзуи техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ, коркард ва пешниҳоди тавсияҳо ҷиҳати ҳалли мушкилиҳои ҳуқуқӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда, маҳсуб мегардад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсад ва таъиноти таҳқиқот дар рисола **вазифаҳои** зерин гузошта шудааст:

- таҳлил ва омӯзиши мафҳум ва намуди техникаи ҳуқуқӣ;
- омӯзиши қоидаҳои техникаи қонунгузорӣ ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ;
- таҳлил ва омӯзиши мафҳум ва қоидаҳои техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- таҳқиқи муқоисавӣ-ҳуқуқии техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар қонунгузории даврони шуравӣ ва соҳибистиқлолии Тоҷикистон;
- таҳлил ва омӯзиши техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ;
- таҳлили қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ;
- таҳия ва омода намудани лоиҳаи санадҳои қонунгузорӣ ва татбиқи онҳо дар амалияи қонунгузории ҶТ;
- омӯзиши қоидаҳои техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ;
- омӯзиши техникаи интишори тағйиру иловаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қабули онҳо дар таҳрири нав;
- пешниҳоди тавсияҳо барои ҳалли мушкилиҳои қонунгузорӣ, назария ва амалияи ҳуқуқӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқотро муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ ташкил медиҳад.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро масоили рушди қонунгузории миллӣ, мафҳумҳо дар бораи техникаи ҳуқуқӣ, техникаи қонунгузорӣ ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, вобаста ба мавзуи техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Тоҷикистон дар даврaҳои шуравӣ ва соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ, тавсифи ҳуқуқии ғояҳои назариявӣ, дидгоҳҳо, муқаррарот, қоидаҳои услубӣ ва мантиқиро дар бар мегирад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот**. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо вуҷуди он, ки ба яке аз масъалаҳои муҳимми назарӣ ва амалии

раванди қонунгузории муосири ҶТ бахшида шудааст, ҷиҳати таҳлили умқӣ ва усулии масъала се марҳилаи рушди техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар он фарогир шудааст: 1) ташаккул ва инкишофи техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ то давраи шуравӣ; 2) инкишофи техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар давраи шуравӣ; 3) марҳилаи муосири техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ – давраи соҳибистиқлолӣ. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ ташаккул ва инкишофи техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ ва муосир баррасӣ гардидааст. Инчунин, таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқии тағйиру иловаҳо бо қонунгузории ҶТ дар давраи шуравӣ ва соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ анҷом дода шудааст, ки мазмуну моҳияти таҳқиқотро пурра менамояд. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогирандаи солҳои 2018-2022 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо ҷанбаъҳои гуногуни техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар таҳияи рисола муаллиф ба осори Ф.Т. Тоҳиров, М.А. Маҳмудзода, А.Ғ. Холиқзода, Р.Ш. Шарофзода, Э.С. Насриддинзода, А.Ғ. Холиқзода, Ҷ.З. Маҷидзода, Б.А. Сафарзода, Д.С. Раҳмон, М.З. Раҳимзода, Ҷ. Саъдизода, А.Р. Нематов, Т.В. Кашанина, С.С. Алексеева, Н.А. Власенко, В.М. Баранова, Д.В. Чухвичев, Д.А. Керимова, А.С. Пиголкина, Ю.А. Тихомиров, С.М. Ковалев, Р. Иеринг, Г.И. Муромсев, В.С. Нерсесянс, В.Д. Перевалов, А.А. Мусаткина, А.В. Малко, Н.И. Матузов, Т.Я. Хабриева, В.Н. Карташов, В.А. Толстика, Б.В. Чигидин ва дигарон такя намудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии рисоларо усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантиқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-забонӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо ташкил медиҳанд. Усули муқоисавӣ ҳуқуқӣ дар баррасии мавзуи таҳлилшаванда аз назари хронологӣ ва параллели таърихӣ дар ҳамбастагӣ бо қонуниятҳои диалектикии рушди ҳодисаҳои иҷтимоӣ ба мавриди ва мақсаднок истифода гардида, сифати хулосаҳои илмиро ғанӣ намудааст.

Тавассути усули диалектикӣ сабаб ва шароитҳои ташаккули техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, зарурат ва аҳаммияти он барои рушди ҷомеа ва низоми идора аз аҳди қадим то замони муосири таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик муайян карда шудааст. Бо истифода аз усули мантиқӣ ва расмӣ-ҳуқуқӣ маводи амалии дар истифодаи муаллиф буда, вобаста ба техникаи баррасишаванда пурра таҳқиқ шуда, пешниҳодҳо ҷиҳати таҷдиди назар намудани ҷараёни мазкур дар рушди қонунгузории ҶТ манзур карда шудаанд. Дар заминаи усули ман-

тикӣ-забонӣ истилоҳ ва ибораҳои мавҷуда оид ба муқаррарнамоии мафҳуми техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳлил гардида, истифодаи истилоҳи ягона, ҷойгиршавии бамавқеи мафҳуму ҳукмҳои ҳуқуқӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз нигоҳи мантиқӣ ва забонӣ дуруст пешниҳод карда шудааст. Дар заминаи усули шаклӣ-ҳуқуқӣ таҳлили шакл ва номи санадҳои қонунгузорӣ мутобиқ ба расмиёти ҳуқуқӣ мавриди таҳлил ва пешниҳод қарор гирифтааст. Тавассути усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ кафолатҳои техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар қонунгузории ҶТ ва санадҳои байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Усули таърихӣ-ҳуқуқӣ имконият дод то пайдоиш ва ташаккули техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди ҳуқуқи халқи тоҷик пажуҳиш гардида, монандӣ ва  тафовути мазмуни рушди техникаи ворид намудани тағйиру иловахо ба санадҳои меъёрии хуқуқӣ  дар давраҳои мазкур муайян карда шавад. Усулҳои ишорашуда дар якҷоягӣ имконият фароҳам оварданд то мавзуи таҳқиқшаванда ҳамаҷониба, пурра ва объективона омӯхта шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро пайдо намоянд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии рисоларо Конститутсияи ҶТ, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, фармонҳои Президенти ҶТ, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ва стратегияҳои давлатӣ ташкил медиҳанд. Инчунин, баъзе санадҳои қонунгузории давлатҳои алоҳида оид ба техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Фаъолияти ҳафтсолаи кор бо лоиҳаҳои санадҳои қонунгузорӣ дар мавриди ворид намудани тағйиру иловаҳо бо қонунҳо ба ҳайси сармутахассиси Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва Мушовири калони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ бахши таҷрибавии коркарди мавзуи баррасишавандаро тақвияти амалӣ ва илмӣ бахшид.

**Навгонии илмии таҳқиқоти** диссертатсионӣ дар он аст, ки он аввалин рисолаи мукаммал оид ба масъалаҳои назарӣ ва амалии техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти ба инобат гирифтани марҳилаҳои таърихии рушди қонунгузории халқи тоҷик, бо истифодаи усули муқоисавӣ-ҳуқукии қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ мебошад. Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои илмию амалии ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос намуда, онҳоро ба чунин гурӯҳҳо шартан ҷудо намудан мумкин аст:

- мафҳум ва намудҳои техникаи ҳуқуқӣ вобаста ба сатҳи муосири рушди низоми қонунгузорӣ дар асоси таҷрибаи ватанӣ муайян карда шудааст;

- мафҳумҳои падидаи раванди қонунгузорӣ тимсоли «фаъолияти қонунгузорӣ», «фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ», «техникаи қонунгузорӣ», «техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ», «техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва «интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ нахустин маротиба бо қонунмандиҳои илмии ҳолати ҳуқуқӣ, вазъи ташаккулёбӣ, риояи расмиёти ҳуқуқӣ ва тартиби истифодабарӣ дар раванди такмили санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии ватанӣ манзур гардидааст, ки коркарди онҳо захираи луғавӣ ва бойгонии илмии хазинаи истилоҳоти ҳуқуқи миллиро ғанӣ гардонида, амалишавиашон дар сарчашмахои ҳуқуқӣ ва санадхои қонунгузори ба мақсад мувофиқ дониста шуд;

- дар натиҷаи таҳқиқоти диссерататсионӣ давраҳои ташаккули техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар замони шуравӣ ва муосири илми ҳуқуқшиносии ватанӣ бо аломатҳои вижаи ҳуқуқӣ ва норасоиҳои коркарди мазмуни меъёрӣ муайян карда шуд:

- норасоиҳои қоидаҳои техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар амалияи қонунгузорӣ дар масири таърихи ҳуқуқ вобаста ба шароити имрӯз исбот гардида, ҷиҳати роҳ надодан ба камбуду норасоиҳо хулосаҳои илмии такмили ворид намдуни тағйироту иловаҳоро ба санадҳои меъёрии хуқуқӣ пешниҳод карда шуд;

- дигар коркардҳои муаллифӣ вобаста ба ҳалли мушкилот ҳангоми татбиқнамоии техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба мақоми қонунгузори кишвар пешниҳод карда шудааст.

**Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Таҳқиқоти илмии анҷомпазируфта имкон медиҳад, ки чунин **нуктаҳои** илмии назарии хосияти амалӣ дошта ба ҳимоя пешниҳод карда шаванд:

1. Дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва санадҳои қонунгузории низоми ҳуқуқи миллӣ бо мақсади муайян кардани паҳно ва таъиноти падида ва мафҳумҳои ҳуқуқӣ истифодаи истилоҳи ягонаи илман асосноки умумиэътирофшудаи «техникаи ҳуқуқӣ» бо асосҳои зерин, мувофиқи мақсад аст:

а) масъалаи бартараф намудани мухолифати байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани сифати қонунҳои амалкунанда тавассути ворид намудани тағйиру иловаҳо дар шароити имрӯза, яке аз самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқэҷодкунии ҶТ ба ҳисоб меравад. Иҷрои босифати ин самти сиёсати қонунгузорӣ дар умум вобасгагӣ дорад бо маҷмӯи тарзу усулҳои хосаи коркард ва таҳияи меъёрҳои ҳуқуқӣ бо риояи расмиёту пайдарҳамии амалкардҳои ҳуқуқӣ, ки ҳамагӣ тобеи падидаи «техникаи ҳуқуқӣ» мебошанд. Татбиқи дурусти унсурҳои техникаи ҳуқуқӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои иловагии такмили ин падидаи ҳуқуқӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ, гувоҳи он мебошад, ки давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самаранокии мураттабсозӣ ва сифати санадҳои қонунгузорӣ манфиатдор мебошад. Тавассути ҳуқуқэҷодкунӣ сиёсати пешгирифтаи давлат, марому мақсади ҳокими-

яти давлатӣ ва шоҳроҳи рушди давлатдорӣ, ки Конститутсия тавассути райъи халқ муқаррар кардааст, амалӣ мегардад. Бинобар омили то ба ҳанӯз таваҷҷуҳи ҷиддӣ нанамудан дар фазои илмӣ ба мафҳуми «техникаи ҳуқуқӣ» дар замони муосир, ин зуҳурот ба маънои васеъ ва аз бисёр ҷиҳат номуайян фаҳмида мешавад, ки ба номуаянии истилоҳот дар маҷмуъ оварда мерасонад. То ба имрӯз дар фазои ҳуқуқии кишвар мафҳуми устувори техникаи ҳуқуқӣ, унсурҳои таркибии он, нақш ва ҷои он дар соҳаҳои ҳуқуқшиносӣ вуҷуд надорад. Дар ин ҷода андешаи ягонаи мутахасиссон ба назар намерасад ва бо эҳтимоли комили мо мафҳуми «техникаи ҳуқуқӣ» аз мафҳумҳои «техникаи қонунгузорӣ» ва «техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ» васеътар мебошад;

б) мафҳуми «техникаи ҳуқуқӣ» дар фазои имрӯзи илми ҳуқуқ дар заминаи ташаккули илми ҳуқуқшиносӣ ташаккул ёфтааст. Бо ин мақсад, калимаи «ҳуқуқӣ» ҳамчун муродифи калимаи «ҳуқуқшиносӣ» амал менамояд. Калимаи «техника» дар ин ҳолат ҳамчун маҳорати ҳуқуқӣ, малака, тарзу усулҳо, муайяннамои, банақшагирӣ, ҳалли вазифаҳо ва имконият фароҳам овардан баҳри дастрасӣ ба мақсадҳои асосии танзими ҳуқуқӣ дар фаъолияти қонунгузорӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, мураттабсозӣ, тафсир ва татбиқи қонун маънидод мегардад.

в) техникаи ҳуқуқӣ ҷузъи муҳимми технологияи ҳуқуқӣ мебошад. Агар технологияи ҳуқуқӣ ба саволи «чӣ тавр ва дар кадом навбат» ҷавоб диҳад, техникаи ҳуқуқӣ ба саволи «бо кадом усул ва воситаҳо» иҷро кардани амалиёти ҳуқуқиро ҷавоб медиҳад.

г) техникаи ҳуқуқиро вобаста ба мазмун ва гуногунии таъиноти амалиаш ба намудҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

- ҳуқуқэҷодкунӣ (эҷод ва тартиб додани меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ);
- ҳуқуқистифодабарӣ (мусоидат намудан барои дар амал истифода шудани ҳуқуқ);
- ҳуқуқфаҳмондадиҳӣ (эзоҳ додани меъёрҳо ва фаҳмонда додани онҳо бо мақсади дуруст татбиқ шудани ҳуқуқ);
- низомноккунии ҳуқуқ (системакунонӣ ва дуруст нигоҳдории санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ);
- доктринаи ҳуқуқ (азназаргузаронии нақши ҳуқуқ дар ҷомеа ва манзур намудани таклифу пешниҳодҳо).

ғ) техникаи ҳуқуқиро аз рӯйи сохтори дохилӣ ва унсурҳои таркибиаш ба се қисм ҷудо кардан мумкин аст: қоидаҳои «техникаи ҳуқуқӣ», «техникаи қонунгузорӣ» ва «техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ» онҳо дар навбати аввал аз ҷиҳати ҳаҷм ва мувофиқи мақсаду қисматҳои мундариҷаи худ фарқ мекунанд:

- «техникаи ҳуқуқӣ» – низоми қоидаҳо, усулҳо, воситаҳо оид ба коркард, барасмиятдарорӣ, интишор, мураттабсозӣ, шарҳ ва татбиқи санадҳо-ҳуҷҷатҳо бо мақсади такмили низоми амалкунандаи ҳуқуқ ва қонунгузорӣ, самарабахшӣ ва пешгӯии он маънидод карда мешавад;

- «техникаи қонунгузорӣ» – қисми таркибии техникаи ҳуқуқӣ буда, бо техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ хос мебошад, ки якдигарро пурра менамоянд. Аммо, техникаи қонунгузорӣ нисбат ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ васеъ буда, дар низоми худ нисбат ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ боз техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, техникаи мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, интишор, мавриди амал қарор додан, тафсир, боздошт ва қатъи амали санадҳои қонунгузориро дар бар мегирад;

- «техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ» – маҷмуи восита ва усулҳои таҳия, қабул ва мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки санади меъёрии ҳуқуқии қабулшуда, дар маҷмуъ соҳаи қонунгузориро ташкил медиҳад.

2. Техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба сифати маҷмуи восита ва тарзу усулҳои мушаххаси таҳия ва коркарди санади меъёрии ҳуқуқӣ аз лиҳози амалишавӣ ва иҷрои маҷмуи фаъолияти дар давоми вақти муайян бо мазмуну муҳтавои амиқ бо расмиёти хоса таснифшавандааст, ки ҳар даври он бо равиши муайяни ташаккулёбии санади меъёрии ҳуқуқӣ тавъам буда, аз омодасозии лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ оғоз ёфта, то муҳокима, коркард, такмил, қабул ва мавриди амал қарор ёфтани санади меъёриро фарогир аст. Лоиҳаи санади меъёрии ҳукуқӣ дар раванди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дорои хусусиятҳое мебошад, ки дар марҳилаи муайяни ҷараёни ҳуқуқэҷодкуниро дар шакли таҳия, пешниҳод ба мақоми қонунгузорӣ, муҳокима, мувофиқакунонӣ, қабул ва нашрро гузашта, ҳар даври он ҳамчун давоми мантиқии зинаи аввала баромад намуда, бо қабули қарору иҷрои амалкардҳои муайяни такмили мазмун ва шакли лоиҳаҳои санадҳои меёърии хуқуқӣ ифода ва расмиёти худро пайдо менамояд. Субъектони ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ машғулбуда, дар раванди такмили лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба табиати онҳо имкони тағйирпазириро доро мебошанд.

3. Техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҳам барои рушди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар маҷмуъ, ҳам барои коркарди санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷудогона дар алоҳидагӣ ва ҳам ҷиҳати таҳия намудани қисмҳои алоҳидаи қонунгузорӣ, яъне санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар раванди ворид намудани тағйиру иловаҳо равона шудааст. Аз ин хотир, табиати техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ аз лиҳози таҷрибаи ҳуқуқэҷунӣ вобаста ба шаклхои ишорашуда имкони тафовут ва вижагиҳоро доро мебошанд, аммо аз назари умумӣ онҳо ба принсипу арзишҳои меҳварие такя менамоянд, ки дар раванди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар маҷмуъ хамчун техникаи – тарзу усулҳои умумиэътирфошуда ба роҳбарӣ гирифта мешаванд. Дар ҳолати қабу ва мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ функсияи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба итмом мерасад. Аз ин лиҳоз, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ қисми таркибии техникаи қонунгузорӣ буда, ҷиҳати ҳамоҳангсозии техникаи қонунгузорӣ ба илми ҳуқуқшиносӣ мусоидат менамояд.

4. Қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар низоми қоидаҳои умумии техникаи ҳуқуқӣ қисми таркибии техникаи қонунгузорӣ буда, омили муҳимми таъминкунандаи сатҳ ва сифати амлияи қонунгузорӣ дар равнади таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии низоми хуқуқӣ башумор меравад. Техникаи мазкур ҳамчун қисми таркибии фаъолияти қонунгузорӣ ҳам ба омилҳо ва принсипҳои умумии техникаи ҳуқуқӣ, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва техникаи қонунгузорӣ дар паҳнои муайян такя намуда дар равнади ташаккули низоми ҳуқуқӣ таҳти таъсири асосҳои умумӣ ва ҳадафҳои конститутсионӣ якдигарро пурра менамоянд. Техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз дастовардҳо, истилоҳот, мафҳумҳо, муқаррароти ҳуқуқӣ ва усулии техникаи ҳуқуқӣ, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва техникаи қонунгузорӣ дар доираи талаботи рушди низоми ҳуқуқӣ мақсаднок истифода менамояд.

5. Техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқиро аз назари ташаккул ва инкишофёбиашон дар масири таърихи рушди низоми ҳуқуқии кишвар вобаста ба замон шартан ба чор давра ҷудо кардан мумкин аст:

а) давраи то таҷрибаи шуравии фаъолияти ворид намудани тағйироту иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва рушди қонунҳо дар сарзамини Тоҷикистон. Дар ин даврон, ки фазои хуқуқии кишвар таҳти таъсири авомили мухталифи сиёсию динии аҷнабӣ дар давраҳои гуногун қарор дошта, ҳуқуқ ва таҳияи санадҳои қонунгузорӣ ба печидагиҳои зиёди мафкуравӣ тобеъ буд, табиат ва фазои ҳуқуқӣ ба меъёрҳои динию таҳмилӣ роҳ ва равиши мухталифи коркард ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба амалия ворид менамуд. Мо бо таҳқиқҳои мушаххаси илмӣ ва мавзуи вуҷуди тарзу усулҳои хосаи такмили низоми қонунгузорӣ ва ҳуқуқиро дар ин даврон ба се қисмати мустақил аз назари хронологӣ эҳсос мекунем: аҳди тамаддуни зардуштӣ, исломӣ ва тобеият ба Генерал губернатории Туркистон дар минтақаҳои ҷудогонаи сарзамини кишварамон. Сарчашмаҳои ҳуқуқии аҳди зардуштӣ шаҳодат бар он дорад, ки қудрат ва неруи санади меъёрӣ дар бештари мавридҳо ба тағйирнопазирӣ ва усутувории талаботи меъёрҳои он вобастагӣ дошта ҳаддалимкон кӯшиш мекарданд, ки меъёрҳои он тағйир дода нашавад. Онҳо принсипи ҳуқуқдони римии дар Юнон машҳур Залевкро, ки «ҳар касе хоҳад ба қонунҳо тағйирот ворид созад бо банд ба мақоми қонунгузор ояд»–ро дар умум, табиатан ҷонибдорӣ намуда, ҳар нафари ба муқобили талаботи фармону амрҳои шоҳони Пешдодӣ, Каёнӣ ва Ҳахоманишию Сосонӣ баромадкунандаро ба ҳукми марг маҳкум мекарданд.

б) низоми ҳуқуқи исломӣ дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ аз асрҳои VIII-IX тавассути шохаи мазҳаби ҳанафӣ аз ҷониби фақеҳи машҳур Муҳаммади Шайбонӣ шогирди Имоми Аъзам роҳ ёфта, баъдан дар заминаи асарҳои фақеҳони мавароуннаҳрӣ Абӯҳафси Кабири Бухорӣ, Абӯмансури Мотуридӣ, Абӯҳакими Самарқандӣ, Бурҳониддини Марғе-

лонӣ ва дигарон тавассути асарҳои машҳури фиқҳӣ рушду нумуъ ёфтааст. Аз назари табиати меъёрэҷодкунӣ ва тартиби коркарди санадҳои меъёрӣ ба андешаи профессор Холиқзода А.Ғ. ҳуқуқи исломӣ ба ҳуқуқи англисию амрикоӣ монандӣ дошта, ин ҳуқуқ тавассути ҳуқуқшиносони касбӣ рушд мекард. Қисмате аз қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии даврони исломӣ таҷрибаи қонунгузории гузаштагони форсу тоҷикро тавассути ҳуқуқшиносони маҳаллӣ ба мерос гирифтааст. Зеро масъалаҳои ба расмият даровардани санадҳои меъёрӣ хеле пештар, ҳатто дар оғози пайдоиши давлатҳои қадимӣ дар қаламрави Тоҷикистон таҳия ва татбиқ карда мешуданд. Ин қоидаҳо дорои хусусиятҳои зерин буданд:

- накши махсуси ҳуқуқшиносон дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- амалияи бевоситаи эҷоди меъёрҳои ҳуқуқӣ бидуни ягон таҳқиқоти илмӣ таҳия шудани онҳо;
- дар аввал ба ҳадафи муқаррар кардани меъёрҳои мавҷудаи анъанавии динӣ, талаботи ахлоқӣ хидмат мекарданд ва баъдтар дар натиҷаи фаъолияти қонунгузории давлат ба расмият даровarда мешуданд (санадҳои меъёрӣ – яъне фармонҳои подшоҳон).

в) низоми ҳуқуқи исломӣ дар аввали асри XX дар заминаи баргузор шудани инқилобҳои иҷтимоӣ тадриҷан мавқеи худро ба низоми нави ҳуқуқи шуравӣ (то соли 1929 ин ҷараён идома меёбад ) во мегузорад. Дар ин давра меъёрэҷодкунии давлат дар соҳаи ташаккули ҳуқуқи нав вобаста ба сиёсати нави низоми идоракунии давлат, рушди иҷтимоӣ ва танзими самарабахши муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҷараёни қонунгузорӣ ба амал омадааст. Марҳилаҳои нави пешрафти қонунгузории Тоҷикистон бо пайвастани Осиёи Миёна ба Россияи Подшоҳӣ ва ғалабаи ҳокимияти Шуравӣ алоқаманд мебошад. Аз лаҳзаи пайвастан ба Россия марҳилаи қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии қонунгузорӣ оғоз меёбад. Дар давраи Шуравӣ қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии қонунгузории шуравӣ, махсусан, техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо, қабули шаклҳои нави санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шакли декретҳо, қарорҳои идоравию мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ васеъ паҳн гардида буд, ки онҳо дар ибтидои давраи Шуравӣ дар Тоҷикистон таҷрибаи зарурӣ оид ба усулҳои қонунгузорӣ ва рушди қонунгузории ҶТ заминаи асосӣ гузоштааст;

г) дар Тоҷикистони Шуравӣ техникаи қонунгузорӣ, аз ҷумла техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои ҳуқуқӣ ҳамчун низоми донишҳои назариявӣ ва рушди давлати шуравӣ аз диктатураи пролетариат то давлати умумихалқӣ ташаккул ёфт.

6. Марҳилаи аввали пайдошавии ҳуқуқ, ин усулҳои техникии таркибсозӣ ва барасмиятдарории анъанавӣ дар амалияи қонунгузорӣ мебошад, ки дар таҷрибаи аксар низомҳо ва оилаҳои ҳуқуқӣ мавҷудияти онҳо ҳамчун унсури мукаммалгардии меъёрҳои ҳуқуқӣ ба назар мерасад. Дар асоси таҳлилҳо яқин аст, ки дар давраҳои аввали шаклгирии давлатҳо

таҷрибаи қонунгузорӣ аз назарияи илмии техникаи ҳуқуқӣ дур буданд, вале ин маънои онро надошт, ки дар ҳамон остонаи ташаккули давлатҳо тарзу усулҳои хосаи коркард, эътироф ва меъёрмуқарраркунӣ барои онҳо вуҷуд надошт. Масъалаи мазкур ҳамчун мушкилӣ ва ҷавҳари такмилёбии низоми идораи давлатӣ ҳамроҳ бо ташаккули давлатҳо ва низомҳои ҳуқуқӣ пешорӯи давлатсозони нахустин истода буд. Аммо, усулҳои техникаи ташкил ва барасмиятдарории ҳуқуқи қадимӣ на дар доираи оинпарастӣ, балки дар ҷараёни эътироф ва амалишавии ҳуқуқи қадима, ки асосашро талаботи объективии рушди ҷамъият, эътирофи меъёрҳои динӣ, урфу одатҳои ҳуқуқӣ ташкил медиҳад, бо усули хосаи эътирофнамоӣ коркард карда мешуданд. Техникаи ҳуқуқӣ дар даврони оғози тамаддун ва баъдан то дергоҳ бо мураккабии сегонаи табиати меъёрҳо: меъёрҳои ахлоқӣ, динӣ ва ҳуқуқӣ, вижагӣ ва мушкилиҳои муайяни мабдавии худро доро буд, ки таъсири он ба субъектони эҷоди меъёрҳо тавъам буд. Ҳарчанд, ки дар назар вуҷуди техникаи ҳуқуқӣ дар ҷамоаҳои даврони пайдоиши давлат баҳсбарангез аст, вале воқеияти шаклгирии давлатҳо ва ташаккули низомҳои нави синфии ҳуқуқӣ дар ҳамон остонаи тамаддун авлавият ва қадимияти вуҷуди техникаи ҳуқуқиро нисбат ба худи ҳуқуқ ҳамчун маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ аз назари онтологӣ, гносеологӣ ва мантиқӣ барои ҳар давлат ногузир мегардонад. Тавре Р. Иеринг андеша дорад, техникаи ҳуқуқ аз илми ҳуқуқ пештар пайдо шудааст[50].

**Зимни анҷом додани таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф як қатор тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд:**

1. Бо мақсади рушди қонунгузорӣ, ҷиҳати пурра намудани норасоӣ дар қонунгузорӣ ва мутобиқ намудани санадҳои қонунгузории кишвар ба талаботи техникаи қонунгузорӣ тавассути вакилони Маҷлиси вакилони халқ аз Кумита оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, ки муаллифи рисола онҷо ба ҳайси мушовири калон фаъолият менамояд, тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» оид ба ҷудо кардани меъёрҳои «техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ» аз меъёрҳои «техникаи қонунгузорӣ» пешниҳод гардид:

**- техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ** – қоидаҳои таҳия, қабул ва мавриди амал қарор додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

**- техникаи қонунгузорӣ** – қоидаҳои ворид намудани тағйиру иловаҳо, мурратабсозӣ, тафсир, интишор, мавриди амал қарор додан, боздоштан ва қатъи амали санадҳои қонунгузорӣ;

2. Дар моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳумҳои «фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ» ва «техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ» муқаррар гардидааст, ки онҳо аз лиҳози доираи амал пурра бо ҳам мувофиқ нестанд. Бо мақсади мутобиқ намудан ба техникаи қонунгузорӣ ва бартараф намудани номувофиқатии мазкур мафҳуми «фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ» дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

---

[50]Ниг.: Иеринг Р. Юридическая техника, – СПб., 1906. – С. 4.

**- фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ** – фаъолияти расмии субъекти ҳуқуқэҷодкунанда оид ба таҳия, қабул ва мавриди амал қарор додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

3. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» меъёрҳо вобаста ба «фаъолияти қонунгузорӣ» ва «субъектони қонунгузор» васеъ истифода мегардад, аммо дар мафҳумҳои асосии Қонуни мазкур мафҳум ва мазмуни онҳо шарҳ дода нашудааст. Бо мақсади мутобиқ намудан ба талаботи техникаи қонунгузорӣ ва пурра намудани норасоии мазкур, ҳамзамон, ҷудо намудани меъёрҳои «фаъолияти қонунгузорӣ» аз «фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ» дар моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳумҳои «фаъолияти қонунгузорӣ» ва «субъектони қонунгузор» бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

**- фаъолияти қонунгузорӣ** – фаъолияти расмии субъекти қонунгузор оид ба қоидаҳои ворид намудани тағйиру иловаҳо, мураттабсозӣ, тафсир, интишор, мавриди амал қарор додан, боздошт ва қатъи амали санади қонунгузорӣ;

**- субъектони қонунгузор** – аъзои Маҷлиси миллӣ, вакили Маҷлиси намояндагон, Президенти ҶТ, Ҳукумати ҶТ ва Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон[51].

4. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва фаъолияти қонунгузории кишвар моддаҳои 55 ва 56 ба масъалаҳои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бахшида шудааст. Аммо, қонуни мазкур мафҳуми «ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ»-ро пешниҳод накардааст. Аз ин лиҳоз, ба мақсад мувофиқ дониста мешавад, ки ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати қонунгузории ҶТ ва мутобиқ намудан ба талаботи техникаи қонунгузорӣ дар моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», мафҳуми «Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ** – фаъолияти расмии мақомоти қонунгузор ва ҳуқуқэҷодкунанда дар доираи қоидаҳои умумии техникаи ҳуқуқист, ки ба бартараф намудани норасоиҳои имлоӣ, техникӣ, ҳуқуқӣ ва мувофиқ намудани матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба талаботҳои нави муносибатҳои ҷамъиятист».

5. Таҷрибаи ҳафтсола дар мақоми қонунгузор муайян намуд, ки дар аксар мавридҳо ҳангоми таҳияи лоиҳаи санадҳои қонунгузорӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо, теъдоди меъёрҳои пешниҳодшаванда дар муносибат бо меъёрҳои мавҷуда ва ҳаҷми санади меъёрии хуқуқӣ густурда ва мураккаб мебошанд. Ин ҳолат вазъи татбиқи сарчашмаи ҳуқуқиро вазнин менамояд. Бо мақсади дар амалия дуруст татбиқ намудани он, аз

[51] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

ҷониби субъектони танзимкунанда ва ба мушкилӣ дучор нагардидан ё роҳ надодан ба иштибоҳ ҳангоми мураттабсозии санадҳои қонунгузорӣ, пешниҳод мешагардад, ки лоиҳаҳои таҳияшавандаи санадҳои қонунгузорӣ аз 30 қисм зиёд набошанд. Дар ҳолати зиёд будани тағйиру иловаҳо ба санади қонунгузорӣ, пешниҳодҳо ё дар лоиҳаи алоҳида баррасӣ гардад ё дар таҳрири нав худи санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шавад.

6. Таҷрибаи қонунгузории ҶТ нишон медиҳад, ки ҳангоми дар як модда ё ба як қисми моддаи санадҳои қонунгузорӣ ду ва ё зиёда тағйиру иловаҳо ворид мегарданд, таҷрибаи ягона дида намешавад. Бо ин мақсад, пешниҳод мегардад, ки ҷиҳати бартараф намудани норасоии мазкур ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба сархатҳо, қисмҳо ва ё моддаи муайян бо чунин мазмун нишон дода шавад: (масалан, дар моддаи 10: ё дар қисми 2 моддаи 10:) дар сурати мавҷуд будани тағйирот ба қисмҳои таркибии модда бо низом аз поён ба боло яъне аз, сархат, зерsucc, банд, ва ниҳоят қисм ишора карда шаванд.

7. Таҳлилҳо нишон дод, ки дар таҷрибаи амалияи қонунгузории ҶТ ҳолатҳое ба мушоҳида мерасанд, ки ҳангоми илова, иваз ё хориҷ намудани як калима, ибора ва ё рақамҳои алоҳида дар як вақт дар як чанд модда ё бандҳои алоҳида зарурути тағйироти мазкур ба миён меояд. Дар ин гуна ҳолатҳо, чунин ишора мешавад: «дар ҳамин модда ва минбаъд дар тамоми матни қонун калима ва ё рақами мазкур иваз, тағйир ё хориҷ карда шавад». Чунин тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳоро қонунгузор маҳдуд накардааст. Вале, ҳангоми татбиқи техникаи мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки яке аз қоидаҳои муҳимми ҳуқуқтатбиққунӣ мебошад, мушкилии зиёдеро ба миён меорад. Бинобар ин, ҷиҳати рушди қонунгузории ҶТ ва бартараф намудани норасоии мазкур зарурат ба миён омадааст, ки ҷумлаи сеюми қисми 2 моддаи 56 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Дар сурати ворид намудани тағйиру иловаҳо дар шакли ҷамъи калимаҳо қисмҳои таркибии санади меъёрии ҳуқуқӣ пурра бо низом нишон дода шаванд».

8. Таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ нишон медиҳад, ҳангоми аз эътибор соқит намудани санадҳои қонунгузорӣ ва қабул намудани санади қонунгузории нав, ки санади зерқонунии амалкунанда пурра ва ё қисман ба он мухолифат мекунад, тақдири қувваи ҳуқуқии санади зерқонунӣ номуайян мемонад. Дар чунин ҳолат барои боздошт, қатъ ва тағйироти қисмати санади зерқонунӣ ҷиҳати мутобиқ кардани он ба санади қонунгузорӣ пешниҳод мегардад, ки дар қисми 3 моддаи 57 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муҳлати муайян муқаррар карда шавад:

«Агар санадҳои зерқонунии амалкунанда пурра ва ё қисман ба қисми таркибии санади қонунгузории навқабулшуда, мухолифат дошта бошад, дар муҳлати то се моҳ субъекти ҳуқуқэҷодкунанда уҳдадор аст, матни санади зерқонуниро ба талаботи санади қонунгузории нав мутобиқ намояд».

9. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ истифодаи истилоҳ ё ибораи «интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» васеъ истифода мегардад. Аммо, дар санадҳои қонунгузорӣ мафҳуми он шарҳ дода нашудааст. Бо мақсади мутобиқ намудан ба талаботи техникаи қонунгузорӣ ва пурра намудани норасоии мазкур дар моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳуми «интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» бо мазмуни зерин илова карда шавад:

**«Интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ** – шакли пурраи матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба истисноӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшавандаро дар бар мегиранд, дар нашрияҳои расмӣ ройгон интишор мегарданд».

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ба таври комплексӣ бо дарназардошти вазъи имрӯзи рушди низоми қонунгузорӣ ҳақиқатнигорона дар доираи манфиати давлати миллӣ ва рушди фаъолияти қонунгузории парлумони касбӣ баррасӣ намудааст. Таҳқиқоти гузаронидашуда ба рушди минбаъдаи мавзуи техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъсири мусбат расонида, ба соҳаҳои дигари илми ҳуқуқшиносӣ ва илмҳои ба мавзуи мазкур алоқаманд, ҳамчун сарчашмаи назарӣ ва амалӣ баромад менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявӣ ва амалии мафҳумҳои ба мавзуи мазкур рабтдошта, тавзеҳ дода шаванд ва дар такмили раванди қонунгузории парлумони касбӣ истифода гарданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти дар рисола таҳиянамудаи муаллиф метавонанд дар самтҳои зерин ҳадафмандона истифода гарданд: такмили фаъолияти қонунгузорӣ дар соҳаи техникаи ҳуқуқӣ; техникаи қонунгузорӣ; техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ; техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; техникаи мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; тафсир, боздошт ва қатъи амали санадҳои меъёрии ҳуукуқӣ; дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҳангоми бурдани коркардҳои минбаъда доир ба мавзуи диссертатсия ва дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода дар раванди қонунгузорӣ устувор собит шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ҳамчун корманди масъули парлумони касбӣ, ки дар раванди таҳияи санадҳои қонунгузорӣ бевосита ширкат меварзад бо

сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд пурра мутобиқ буда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ҳамчун хулосаи мутахассиси касбӣ дар рушди соҳа, муҳим арзёбӣ гашта, нақши муаллиф дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тағйиру иловаҳо ба он дар парлумони касбӣ назаррас аст. Муаллиф дар коркарди лоиҳаи амалкунанадаи Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ҳамроҳ бо роҳбари илмиаш бевосита якуним сол заҳмат кашидааст. Ҳамзамон, дар муддати 7 соли корӣ дар парлумони касбӣ ба бештар аз 200 лоиҳаҳо хулосҳо омода намуда, дар коркарди беш аз 50 лоиҳаи санадҳои конунгузорӣ бевосита ширкат варзидааст. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедра муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои зерин дар шакли маъруза пешниҳод шудаанд: конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба «70-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон», маъруза дар мавзуи «Назаре ба усули илмият дар қонунгузории давлати миллӣ» (Душанбе, соли 2019): конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар ҶТ», маъруза дар мавзуи «Ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ ва коллективӣ дар мизони соҳибихтиёрии давлатӣ» (Душанбе, 7-уми декабри соли 2020): конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Нақши идоракунии давлатӣ дар раванди саноатикунонии босуръати ҶТ», маъруза дар мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҶТ дар давраҳои Шуравӣ ва соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ» (Душанбе, соли 2022): конференсияи байналмилалии илмию амалӣ «XII хонишҳои Ломоносов» дар мавзуи «Рӯзи илми тоҷик ва 30-солагии барқарор шудани муносибатҳои дипломатии ҶТ ва Федератсияи Россия», маъруза дар мавзуи «Мафҳум ва намуди техникаи ҳуқуқӣ» (Душанбе, соли 2022): конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Нақши оила дар рушди босуботи давлатдории миллӣ», маъруза дар мавзуи «Унсурҳои таркибии техникаи қонунгузорӣ» (Душанбе, соли 2022). Инчунин нуктаҳои асосии назариявии ба ҳимоя пешниҳодшуда дар фаъолияти мақомоти олии қонунгузорӣ – Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ва субъектони ҳуқуқэҷодкунанда истифода мешаванд. Донишу хулосаҳои илмии муаллиф дар коркард ва такмили беш аз 200 лоиҳаи санадҳои қонунгузорӣ бевосита истифода шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он аспирант 11 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 6 адади онҳо

дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисола аз феҳристи ихтисоратҳо, муқаддима, ду боб, нуҳ зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 195 саҳифаро ташкил медиҳад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

Дар **муқаддима** мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, алоқамандии мавзуъ бо дигар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, дараҷаи омӯзиши илмии он, объект, мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян шуда, асосҳои методологию назариявӣ ва заминаҳои меъёрии он тавсиф гадидаанд. Ҳамчунин, дар ин қисмати навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва тасвиби натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дарҷ гардида, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ нишон дода шуда, сохтори рисолаи диссертатсионӣ тавзеҳ дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия – «**Мафҳуми техникаи ҳуқуқӣ**» ном дошта, аз чор зербоб иборат буда, дар доираи масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ вобаста ба мафҳум ва намудҳои техникаи ҳуқуқӣ, мафҳум, хусусиятҳо ва унсурҳои таркибии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, мафҳуми техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ва қоидаҳои техникӣ – ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар низоми қоидаҳои умумии техникаи ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Зербоби якум – **«Мафҳум ва намудҳои техникаи ҳуқуқӣ»** номгузорӣ шуда, дар он муаллиф аҳаммияти таҳқиқи таърихии мавзуи номбурдаро ҷиҳати такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда муҳим арзёбӣ намудааст. Муаллиф иброз менамояд, ки дарки дурусти техникаи ҳуқуқӣ, ки асоси фаъолияти қонунгузорӣ ва ҳуқуқэҷодкуниро муқаррар мекунад, бе донистани мафҳум, намудҳо ва унсурҳои таркибии он ғайриимкон аст. Қайд мегардад, ки таърихи давлатдории тоҷикон ба ҳазорсолаҳо мерасад, аммо мафҳум ва намудҳои техникаи ҳуқуқӣ дар қонунгузории Тоҷикистон таърихи начандон куҳан дошта, он ҳангоми гузариш аз низоми динӣ – анъанавии ҳуқуқ ба низоми ҳуқуқии шуравӣ ба миён омадааст. Илова бар ин, мавзуи таҳқиқшаванда то ҳол ҳамчун объекти таҳқиқоти илмӣ қарор нагирифта, рисолаи илмии мазкур нахустин таҳқиқоти маҷмуи доир ба техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Дар ин бахши таҳқиқот диссертант муайян намудааст, ки техникаи ҳуқуқӣ дар замони шуравӣ аз ҷониби мутахассисон мавриди таҳлил ва

омӯзиш қарор дода шудааст, аммо назарияҳо оид ба техникаи ҳуқуқӣ то ҳол сермаъно боқи мондааст. Ӯ яке аз сабабҳои чунин гуногунфикриро дар муқаррар нагардидани мафҳуми қавии техникаи ҳуқуқӣ, элементҳои таркибии он, нақш ва ҷойи ин техникаро дар илми ҳуқуқшиносӣ меҳисобад.

Ғайр аз ин диссертант дар асоси таҳлили меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод менамояд, ки дар хусуси қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ диққати зиёд дода шуда, андешаҳои мутахассисон низ дар ин бобат гуногун арзёбӣ гардидааст. Ба андешаи муаллиф техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба техникаи қонунгузорӣ хос мебошад. Агар савол ба миён гузорем, ки таносуби техникаи қонунгузорӣ аз техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар чист? пас гуфтан мумкин аст, ки дар маҷмуъ ҳарду бо ҳам алоқамандии зич доранд ва ҳамдигарро пурра менамоянд. Аммо, техникаи қонунгузорӣ нисбат ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ васеъ буда, дар худ ба ғайр аз техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ боз техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо, техникаи мураттабсозӣ, тафсир, бздошт ва қатъи амалӣ санахои қонунгузориро дар бар мегирад. Техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ барои таҳияи қисматҳои алоҳидаи қонунгузорӣ мусоидат мекунад. Дар ҳолати қабул ва мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ функсияи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба итмом мерасад.

Зербоби дуюм – **«техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ: мафҳум, хусусиятҳо ва унсурҳои таркибии он»** ном дошта, бо назардошти омӯзиши андешаҳои мухталифи олимон муаллиф мафҳуми хусусият ва унсурҳои таркибии техникаи ҳуқуқэҷодкуниро шарҳ дода аз ҷумла, таъкид намудааст, ки техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ин маҷмии восита ва усулҳои таҳия, қабул ва мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки санади меъёрии ҳуқуқии қабул шуда, дар маҷмуъ соҳаи қонунгузориро ташкил медиҳад. Ба назари муаллиф ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ аз омодасозии лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ оғоз меёбад. Лоиҳаи санади меъёрии ҳукуқӣ дорои хусусиятҳое мебошад, ки дар марҳилаи муайяни ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ-таҳия, пешниҳод ба мақоми қонунгузорӣ, муҳокима, мувофиқакунонӣ ва қабулро мегузарад. Ғайр аз ин дисертант дар асоси таҳлили меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ қайд менамояд, ки риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар давраи омодасозии лоиҳаи қонун аҳаммияти аввалиндараҷа дорад, зеро риояи қоидаҳо, усулҳо, воситаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар ин марҳилаи таҳияи лоиҳаи сифатноки қонун ва мувофиқан сифати дигари санадҳои дар асоси он қабулшаванда вобастагии зич дорад. Аз ин лиҳоз, дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ба қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ диққати махсус дода шудааст.

Диссертант дар баробари баррасии мавзуи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ алоқамандии онро бо техникаи қонунгузорӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ қисми таркибии техникаи қонунгузорӣ буда, бо техникаи қонунгузорӣ хос мебошад ва якдигаро пурра менамоянд. Ам-

мо, техникаи қонунгузорӣ нисбат ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ васеътар мебошад, дар худ нисбат ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ боз техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо, мураттабсозӣ, тафсир, боздошт ва қатъи амалӣ санадҳои қонунгузориро дар бар мегирад.

Муаллиф дар асоси таҳлилҳои ҳуқуқӣ пешниҳод менамояд, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» меъёрҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ аз меъёрҳои техникаи қонунгузорӣ ҷудо карда, дар алоҳидагӣ шарҳ дода шаванд. Вобаста ба бартараф намудани мафҳумҳои қайдшуда андешаи муаллиф пешниҳод шудааст.

Зербоби сеюм - **«мафҳуми техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ»** бахшида шуда, нахуст мафҳум ва аҳаммияти техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ баррасӣ шуда, баъзе масъалаҳои умумӣ аз қабили гуногунфикрии олимони ҳуқуқшинос вобаста ба мазмуни мафҳуми мазкур ва таносуби он бо техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва техникаи қонунгузорӣ таҳлил шуда, дар хусуси аз эътибор соқит донистан ва қатъи амалӣ санади меъёрии ҳуқуқӣ, муҳлати амали санади меъёрии ҳуқуқӣ ва дар таҳрири нави қабул кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо амалӣ карда мешаванд, маълумоти мухтасар оварда шудааст.

Дар бахши мазкур диссертант муайян намудааст, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ муносибатҳои гуногуни техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амал менамояд. Он дар таносуб бо техникаи ҳуқуқӣ барои фаҳмиши қоида, усул ва тарзи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вуҷуд доранд, ки дар фаъолияти қонунгузорӣ онҳо на ҳамеша дуруст татбиқ мегарданд. Ба андешаи муаллиф дар солҳои охир ба мушкилоти назариявии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таваҷҷӯҳ бештар гаштааст.

Иброз мешавад, ки ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қисми таркибии фаъолияти қонунгузорӣ мебошад. Дар чунин ҳолат механизми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд мукаммал ва инкишофёбанда бошанд, ки ин вазифаи аввалиндараҷаи қонунгузорӣ маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз, ба низоми қонунгузорӣ навоварӣ ворид карда, муқарраротҳи куҳнашуда ва хислати ҳуқуқиашонро аз даст дода, ба муқарраротҳи нави шароити ҷамъиятӣ мувофиқ ва ба талаботи ҳаёт ва инкишофи ҷомеа ҷавобгу бояд иваз карда шаванд. Ба андешаи дисертант ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ кофӣ аст, ки он аз нав хислати ҳуқуқӣ пайдо намояд.

Дар асоси таҳлилҳои ҳуқуқӣ муаллиф муайян менамояд, ки техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қисми таркибии техникаи қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, пешниҳод менамояд, ки ҷиҳати рушди қонунгузорӣ ҶТ ва мутобиқ намудан ба техникаи қонунгузорӣ ба моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии

ҳуқуқӣ» мафҳуми «Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» илова карда шавад. Ҷиҳати бартараф намудани норасоии мазкур мафҳуми муаллиф пешниҳод шудааст.

Зербоби чорум – «**қоидаҳои техникӣ–ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар низоми қоидаҳои умумии техникаи ҳуқуқӣ**» номгузорӣ гардида, дар он аҳаммияти ҳуқуқии қоидаҳои техникӣ–ҳуқуқии номбурда баррасӣ шуда, аломатҳои асосӣ ва иловагии он таҳлил ва мазмуни ҳар яки он равшан гардидааст.

Дар бахши мазкур андешаи мутахассисон оид ба норасоиҳо дар қоидаҳои умумии техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо дар низоми қонунгузорӣ гуногун мебошанд. Масъалаи илова, иваз ё хориҷ намудани як калима, ибора ва ё рақамҳои алоҳида дар як вақт дар як чанд модда ё бандҳои алоҳида аз рӯйи матн ба миён меояд, доир ба ин муайян мегардад, ки миёни олимон назари ягона ҷой надорад. Муаллиф ҷонибдорӣ нуқтаи назаре мебошад, ки чунин тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳоро қонунгузор маҳдуд накардааст, аммо ҳангоми татбиқи техникаи мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки яке аз қоидаҳои асосии ҳуқуқтатбиқкунӣ мебошад, мушкилии зиёдеро ба миён меорад, душвор мешуморад.

Дар асоси таҳлилҳои ҳуқуқӣ муаллиф пешниҳод менамояд, ки ба ҷумлаи сеюми қисми 2 моддаи 56 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ҷиҳати бартараф намудани норасоии мазкур тағйирот вобаста ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз рӯйи матн дар шакли ҷамъи калимаҳо ворид карда шавад. Вобаста ба бартараф намудани норасоии қайдшуда муаллиф меъёри мушаххасиро пешниҳод намудааст.

Дисертант чунин мешуморад, ки таснифи гуногуни техникӣ–ҳуқуқии аз эътибор соқит донистан ё қатъи амали санади меъёрии ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ боиси гуногунандешӣ гардидааст. Муаллиф мавқеи олимонро дар ин бахш таҳлил намуда вобаста ба он назари худро иброз намудааст:

- аз эътибор соқит донистан ё қатъи амали санади меъёрии ҳуқуқӣ бевосита дар баробари қабули санади меъёрии ҳуқуқии нав мавриди амал қарор мегардад. Ин таҷрибаи мусбӣ буда, солҳои охир хеле маъмулист ва бо ин талаботи қонун пурра риоя мегардад;
- аз эътибор соқит донистан ё қатъи амали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тавассути санади дигари баробардараҷа амалӣ гардонида мешаванд, ки дар муҳлати нисбатан дертар аз санаи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав ба амал бароварда шудаанд. Чунин таҷрибаи аз эътибор соқит донистан ё қатъи амали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аслан барои он санадҳои меъёрии ҳуқуқие татбиқ карда шудаанд, ки бо сабабҳои гуногун дар вақташ аз эътибор соқит карда нашуда буданд.

Ғайр аз ин диссертант якчанд мушкилиҳои мавзуи зербобро баррасӣ намуда, меафзояд, ки дар дар адабиётҳои ҳуқуқӣ вобаста ба мафҳуми қо-

идаҳои техникӣ–ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар низоми қоидаҳои умумии техникаи ҳуқуқӣ андешаи ягона ҷой надорад. Ӯ яке аз сабабҳои чунин гуногунфикриро дар муқаррар нагардидани мафҳуми болозикр дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳисобида. Бо мақсади ҳалли мушкилоти мазкур пешниҳод менамояд, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳумҳои зикршуда шарҳ дода шавад шавад. Мафҳуми муаллиф пешниҳод шудааст.

**Боби дуюми диссертатсия** – **«Техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ таҳлили назариявӣ ва амалӣ»** ном дошта, аз панҷ зербоб иборат мебошад.

Зербоби якум – **«Тағйиру иловаҳо ба қонунгузории Тоҷикистон дар давраҳои шуравӣ ва соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ»**, номгузорӣ гардида, дар он масоили таърихи рушди қонунгузории Тоҷикистон ва таҳлили муқоисавии қоидаҳои ворид намудани тағйиру иловаҳо дар давраҳои шуравӣ ва соҳибистиқлолии ҶТ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Муаллиф аҳаммияти таҳқиқи таърихии мавзуи номбурдаро аз рӯйи ташаккул ва инкишофёбиашон ба се давра ҷудо кардааст:

**а) давраи якум** ин рушди қонунҳо дар ҶТ дар аввали асри XX ҳангоми гузариш аз низоми динӣ – анъанавии ҳуқуқ ба низоми ҳуқуқии шуравӣ.

**б) давраи дуюм** марҳилаҳои пешрафти қонунгузории Тоҷикистон бо пайвастани Осиёи Миёна ба Россияи подшоҳӣ ва ғалабаи ҳокимияти Шӯравӣ алоқаманд мебошад. Аз лаҳзаи пайвастан ба Русия марҳилаи қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии қонунгузорӣ оғоз меёбад, ки барои рушди қонунгузории ҶТ заминаи асосӣ гузоштааст, ба ҳисоб меравад.

**в) давраи сеюм** дар Тоҷикистони Шӯравӣ техникаи қонунгузорӣ, аз ҷумла техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳӯқуқӣ, ҳамчун низоми донишҳои назариявӣ, қоидаҳои истифодаи воситаҳо ва усулҳои бақайдгирии техникӣ ва ҳуқуқии санадҳои меъёрӣ ташаккул ёфт.

Ғайр аз ин дисертант дар асоси таҳқиқоти меъёрҳои таърихи-ҳуқуқии қонунгузории Тоҷикистон муайян намудааст, ки қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқӣ тоисломии халқҳои Осиёи Миёна ва Эрон интегративӣ буд, ки дар худ меъёрҳо ва қонуну қоидаҳои яҳудӣ, насронӣ ва зардуштиро дар бар мегирифт. Сарчашмаҳои ҳуқуқи мусулмонӣ –Қуръон, Сунна, иҷма ва қиёс низ дар ин давра равнақ ёфта ба истилоҳоти техникӣ-ҳуқуқӣ таъсир расонид. Ҷанбаҳои техникӣ-ҳуқуқии меъёрэҷодкунӣ ба қонуну қоидаҳои исломӣ тобеъ шуданд.

Инчунин, дар асоси таҳлилҳои ҳуқуқӣ муаллиф муайян намудааст, ки техника ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистони Шуравӣ зери таъсири қонунгузории Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия ашаккул ёфтааст.

Зербоби дуюм – **«Техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ»** муаллиф дар ин қисмати кор манбаъҳои зиёдро вобаста ба муайян намудани техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияро таҳлилу баррасӣ намуда мафҳумҳои асосӣ, принсипҳо, назарияҳо, ҷанбаҳои амалии танзими ҳуқуқии конститутсиониро таҳқиқ мекунад. Дар ин бахш диссертант якчанд мушкилиҳои мавзуи зербобро баррасӣ намуда қайд менамояд, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ вобаста ба техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия андешаи ягона ҷой надорад. Ӯ яке аз сабабҳои чунин гуногунфикриро дар муқаррар нагардидани таҷрибаи ягонаи ҷаҳонӣ оид ба тартиби қабул, ворид намудани тағйиру иловаҳо ва аз эътибор соқит донистани амали Конститутсия меҳисобад.

Диссертант муайян намудааст, ки ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия гарчанде нисбат ба қабули лоиҳаи Конститутсия мураккаб набошад, лекин ворид намудани ин дигаргуниҳо аз тағйиру иловаҳои кодексҳо ва қонунҳо фарқ мекунад. Дар амалияи ҷаҳонӣ тарзҳои гуногуни ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия дида мешавад. Ин тарзҳо вобаста аз сохти конститутсияҳои сахт ва нарм мебошад.

Ғайр аз ин диссертант дар асоси таҳлили техникӣ-ҳуқуқӣ муайян менамояд, ки Конститутсияҳои нарм, ба мисли қонунҳои амалкунанда тағйир дода мешаванд. Конститутсияҳои сахт бо тариқи мураккаб сурат мегирад, ки баъзе меъёрҳои он тағйирнопазир эълон карда мешаванд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки чунин амалия дар таҷрибаи ҷаҳонӣ сол ба сол зиёд шуда истодааст, ки чунин маҳдудиятҳо устуворию пойдории конститутсияро таъмин мекунанд.

Ғайр аз ин муаллиф дар асоси таҳлили меъёрҳои техникаи тафсири Конститутсия мухтасар маълумот додааст, ки инкишофи Конститутсия тавассути тафсири меъёрҳои он имкон медиҳад, ки қонуни асосӣ такмил ёбад ва бо тамоми иқтидораш амалӣ шавад. Тафсир дар давлатҳои пешрафта як тартиби ворид намудани тағйирот ба Конститутсия мебошад, ки тавассути Суди Олии ин кишварҳо амалӣ мегардад. Дар иртибот ба ин масъала муаллиф фикрҳои мутахассионро баррасӣ намуда, назари худро оид ба сабабҳои чунин тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо баён кардааст. Ҳангоми тафсири конститутсия бояд мазмуни меъёрҳои он фаҳмонида шуда, иқтидори он баланд бардошта шавад. Дар баробари ин Конститутсияро ба ҳолатҳои ҳаётӣ мутобиқ кард, ва дар ин раванд меёърҳои Конститутсия тавассути тафсири он набояд тағйир дода шаванд.

Зербоби сеюм – **«Қоидаҳои техникӣ–ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузории ҶТ »** номида шудааст. Дар ин қисмати кор муаллиф ба ин назар аст, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ муносибатҳои гуногуни ворид намудани тағйирирот ба меъёрҳои қонунгузорӣ вуҷуд доранд, ки дар фаъолияти қонунгузорӣ онҳо на ҳамеша дуруст татбиқ мегардад. Аз ин рӯ, дар солҳои охир ба мушкилиҳои назариявии

ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ таваҷҷӯҳ бештар гаштааст.

Диссертант мавқеи олимонро вобаста ба нуқтаи назари онҳо, ба чор гӯруҳ тақсим намудааст, ки гурӯҳи якум, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ дар шакли умум, дуюм тартиби ворид намудани тағйиру илова ё хориҷ намудани калимаҳо, рақамҳо, ҷумлаҳо дар қисми таркибии санадҳои қонунгузорӣ, сеюм тағйир додани таркибии санадҳои қонунгузорӣ ва воҳиди сохтори он, чорум дар таҳрири нав баён намудани санади қонунгузориро ҷудо карда, ҳар яки онро дар алоҳидагӣ мавриди таҳлил ва аз диди худ баҳогӯзорӣ кардааст. Дар робита ба ин муаллиф мавқеи хешро муайян намуда, ба андешаи ӯ ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ ҳар як тағйиру иловаҳои воридшаванда ба кадом модда, қисм, банд, зербанд ё сархати санади қонунгузорӣ дахл дошта дар алоҳидагӣ бояд нишон дода шавад.

Ғайр аз ин диссертант дар асоси таҳлили меъёрҳои техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санади қонунгузорӣ фикрҳои мутахассионро баррасӣ намуда, назари худро оид ба техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ баён кардааст, ки ҳангоми ворид намудани тағйирот ба санадҳои қонунгузорӣ бояд, пайдарҳамии низоми сохтори он ҳифз карда шаванд.

Муаллиф чунин мешуморад, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи санадҳои қонунгузорӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо бо мақсади дар амалия дуруст татбиқ намудан аз ҷониби субъектони танзимкунанада ва ба мушкили дучор нагардидан ё роҳ надодан ба иштибоҳо ҳангоми татбиқи техникаи мураттабсозии санадҳои қонунгузорӣ лоиҳаи таҳияшаванда аз 30 қисм зиёд набошанд ва дар ҳолати зиёд будани тағйиру иловаҳо ба санади қонунгузорӣ дар лоиҳаи нав баррасӣ гардад ё дар таҳрири нав қабул карда шавад.

Зербоби чорум – **«Қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии ҶТ»** нахуст мафҳум ва аҳаммияти қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии баррасӣ шуда, баъзе масъалаҳои умумӣ аз қабили гуногунфикрии олимони ҳуқуқшинос вобаста ба мазмуну унсурҳои таркии ва таносуби он бо техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ таҳлил шуда, маълумоти мухтасар оид ба тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои зерқонунӣ оварда шудааст. Баъдан дарҷ мегардад, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» вожаи «ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии» зиёд истифода гардида, аммо мафҳуми махсуси он ҳамчун «қоидаи техникӣ-ҳуқуқӣ» кушода нашуда, танҳо тартиб амалӣ намудани он дар Қонуни мазкур нишон дода шудааст.

Муаллиф манбаъҳои зиёдро вобаста ба муайян намудани мазмуни қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои

меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ таҳлилу баррасӣ менамояд. Ба қавли муаллиф, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ, дар навбати худ ба ду гурӯҳ ҷудо мегарданд.

- санадҳои зерқонунии бевосита, ки дар асос ва барои иҷрои санадҳои қонунгузорӣ қабулшаванда (фармон, қарор ва фармоиш);
- санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии бавосита, ки бо дигар санади ҳуқуқӣ қабул ё тасдиқ гардидааст. (дастур, низомнома оиннома, қоида, дастурамал).

Ҳамчунин, зимни таҳлили зербоби мазкур муаллиф зикр менамояд, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ хусусияти мустаҳкамкунӣ дошта, меъёрҳои қонунҳо дар санадҳои зерқонунӣ ба таври васеъ, равшан ва мушаххас ифода карда мешавад.

Дар ин бахш диссертант якчанд мушкилиҳои мавзуи зербобро баррасӣ намуда меафзояд, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии ҶТ дар хусуси аз эътибор соқит донистан ё боздошти санадҳои зерқонунӣ, ки дар асос ва барои иҷрои санадҳои қонунгузорӣ қабул карда шудааст ва дар якҷоягӣ мавриди амал қарор доранд, ҳангоми аз эътибор соқит намудани санадҳои қонунгузорӣ дар ин гуна ҳолатҳо дар бораи санадҳои зерқонунӣ низ мақоми қонунгузор бояд дар Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» меъёрҳои муайян муқаррар намояд. Вобаста ба бартараф намудани норасоии қайдшуда андешаи муаллиф пешниҳод шудааст.

Зербоби панҷум – **«Техникаи интишори тағийру иловаҳои санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ва қабули онҳо дар таҳрири нав дар ҶТ»** номида шуда, дар он моҳият, аломатҳо ва мафҳуми техникаи интишори тағийру иловаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қабули онҳо дар таҳрири нав баррасӣ шудааст. Зимнан дар натиҷаи таҳлили адабиётҳои зиёди ҳуқуқӣ муаллиф ба хулосае меояд, ки зери мафҳуми «техникаи интишори тағийру иловаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қабули онҳо дар таҳрири нав» ин ҳуқуқу озодиҳо ва уҳдадориҳои инсон ва шаҳрвандро фаҳмидан мумкин аст, ки бо мақсади дастрас намудани маълумот оид ба қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ҷиҳати дуруст татбиқ намудани он аз ҷониби субъектони иҷрокунанда мебошад.

Дар зербоби мазкур масъалаи таҳлили меъёрҳои техникаи интишори тағийру иловаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қабули онҳо дар таҳрири навро матраҳ шуда, фикрҳои мутахассионро баррасӣ намуда, назари худро оид ба техникаи интишори тағийру иловаҳои ба санадҳои қонунгузорӣ баён кардааст. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баъди аз ҷониби мақомоти ваколатдори ҳуқуқэҷодкунанда бо назардошти тамоми меъёрҳои муқаррарнамудаи техникаи қонунгузорӣ ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ қабул шуда, дар нашрияҳои расмӣ интишор карда шаванд, зеро ҳадаф аз интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ин ба эътибори ҷомеа расонидани мазмун ва мундариҷаи матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад.

Омӯзиши техникаи интишори тағийру иловаҳои санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ва қабули онҳо дар таҳрири нав нишон медиҳад, ба қисми 1 модда

66 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» тағйиру иловаҳо ворид карда, дар баробари нашрияҳои расмӣ, сомонаи махсуси электронӣ барои интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ расман эътироф карда шавад, зеро чунин таҷриба дар давлатҳои пешрафтаи дунё мақоми расмиро гирифтааст. Вобаста ба ворид намудани тағйиру иловаҳои қайдшуда андешаи муаллиф пешниҳод шудааст.

## ХУЛОСАҲО

Дар асоси омӯзиши паҳлуҳои назарӣ ва амалии техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ чунин хулосаҳои илмӣ пешниҳод карда мешаванд:

1. Техникаи ҳуқуқиро ба намудҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

а) меъёрэҷодкунӣ (эҷод ва тартиб додани танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ);

б) ҳуқуқистифодабарӣ (мусоидат намудан барои дар амал истифода шудани ҳуқуқ);

в) ҳуқуқфаҳмондадиҳӣ (эзоҳ додани меъёрҳо ва фаҳмонда додани онҳо бо мақсади дуруст татбиқ шудани ҳуқуқ);

г) низомноккунии ҳуқуқ (системакунонӣ ва дуруст нигоҳдории санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ);

ғ) доктринаи ҳуқуқ (азназаргузаронии нақши ҳуқуқ дар ҷомеа ва манзур намудани таклифу пешниҳодҳо). **[5–М].**

2. Техникаи ҳуқуқиро аз рӯйи сохтори дохилӣ ва унсурҳои таркибиаш ба се қисм ҷудо кардан мумкин аст, а) техникаи ҳуқуқӣ, б) техникаи қонунгузорӣ, в) техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ:

а) «техникаи ҳуқуқӣ» низоми қоидаҳо, усулҳо, воситаҳо оид ба коркард, барасмиятдарорӣ, интишор, мураттабсозӣ, шарҳ ва татбиқи санадҳо-ҳуҷҷатҳо бо мақсади такмили низоми амалкунандаи ҳуқуқ ва қонунгузорӣ, самарабахшӣ ва пешгӯии он мебошад;

б) «техникаи қонунгузорӣ» қисми таркибии техникаи ҳуқуқӣ буда, бо техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ хос мебошад ва якдигаро пурра менамоянд;

в) «техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ» маҷмуи восита ва усулҳои таҳия, қабул ва мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқиро дар бар мегирад, санади меъёрии ҳуқуқии қабулшуда, дар маҷмуъ соҳаи қонунгузориро ташкил медиҳад. **[5–М].**

3. Ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ аз омодасозии лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ оғоз меёбад. Лоиҳаи санади меъёрии ҳукуқӣ дорои хусусиятҳое мебошад, ки марҳилаи муайяни ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ – таҳия, пешниҳод ба мақоми қонунгузорӣ, муҳокима, мувофиқакунонӣ ва қабулро мегузарад. **[2–М].**

4. Қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар низоми қоидаҳои умумии техникаи ҳуқуқӣ қисми таркибии техникаи қонунгузорӣ буда, ба техникаи қонунгузорӣ хос мебошад ва якдигарро пурра менамоянд. **[1–М].**

5. Дар асоси таҳлилҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ рушди қонунгузории Тоҷикистонро дар давраи шуравӣ ва соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ вобаста ба техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз рӯйи ташаккул ва инкишофёбиашон ба се давра ҷудо кардан мумкин аст:

а) давраи якум ин рушди қонунҳо дар ҶТ дар аввали асри XX ҳангоми гузариш аз низоми динӣ-анъанавии ҳуқуқ ба низоми ҳуқуқии шуравӣ мебошад;

б) давраи дуюми пешрафти қонунгузории Тоҷикистон бо пайвастани Осиёи Миёна ба Россияи Подшоҳӣ ва ғалабаи ҳокимияти Шӯравӣ алоқаманд мебошад, ки барои рушди қонунгузории ҶТ заминаи асосӣ гузоштааст;

в) давраи сеюм – дар Тоҷикистони Шуравӣ ташаккул ёфтани техникаи қонунгузорӣ, аз ҷумла техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун низоми донишҳои назариявӣ. **[3–М].**

6. Таҳлилҳои таърихии техникаи ҳуқуқӣ (ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтадбиққунӣ, шарҳу тафсир) дар ҳудуди таърихии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки он дар як вақт бо пайдоиш ва рушди минбаъдаи ҳуқуқ дар доираи сершаклии намудҳои низомҳои ҳуқуқӣ (зардуштӣ, исломӣ,) рушд ёфтааст. Дар ин фосилаи таърихӣ техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ аз шаклҳои қадимаи он то усулҳо, воситаҳо ва қоидаҳои такмилёфтаи муосир рушд кардааст. **[2–М].**

7. Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда муайян карда шуд, ки техникаи ҳуқуқӣ ҷузъи муҳими технологияи ҳуқуқӣ мебошад. Агар технологияи ҳуқуқӣ ба саволи «чӣ тавр ва дар кадом навбат» ҷавоб диҳад, техникаи ҳуқуқӣ ба саволи «бо кадом усул ва воситаҳо» иҷро кардани амалиёти ҳуқуқиро ҷавоб медиҳад. **[5–М].**

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Бо мақсади мутобиқ намудан ба талаботи техникаи ҳуқуқӣ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» меъёрҳои «фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ» аз меъёрҳои «фаъолияти қонунгузорӣ» ҷудо карда шаванд. **[5–М].**

2. Бо мақсади бартараф намудани мухолифатҳо дар фаъолияти қонунгузорӣ дар моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳуми «техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ» дар таҳрири нав ифода карда, ҳамзамон мафҳуми «техникаи қонунгузорӣ» илова карда шаванд. **[5–М].**

3. Дар моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳумҳои «фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ» ва «техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ» муқаррар гардидааст, ки онҳо аз лиҳози доираи амал бо ҳам мувофиқат намекунанд. Бо мақсади мутобиқ намудан ба техникаи қонунгузорӣ ва

бартараф намудани мухолифати мазкур мафҳуми «фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ» дар таҳрири нав ифода карда шавад. **[5–М].**

4. Бо мақсади мутобиқ намудан ба талаботи техникаи қонунгузорӣ ва пурра намудани норасоии мазкур, ҳамзамон ҷудо намудани меъёрҳои «фаъолияти қонунгузорӣ» аз «фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ» дар моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳумҳои «фаъолияти қонунгузорӣ» ва «субъектони қонунгузор» илова карда шаванд. **[5–М].**

5. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва фаъолияти қонунгузории кишвар меъёр вобаста ба ворид намудани тағйиру иловаҳо васеъ истифода мегардад. Аммо дар санадҳои қонунгузорӣ мафҳуми он шарҳ дода нашудааст. Аз ин лиҳоз, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати қонунгузории ҶТ ва мутобиқ намудан ба талаботи техникаи қонунгузорӣ дар моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳуми «Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» шарҳ дода шавад. **[1–М].**

6. Бо мақсади муқаррар намудани таҷрибаи ягонаи қонунгузорӣ ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аввал қисми таркибии тағйирёбандаи қонун, баъдан пайдарҳамии қисмҳо бандҳо ё сархатҳо дар лоиҳа бо низом нишон дода шаванд. **[1–М].**

7. Ҷиҳати баланд бардоштани сифати қонунгузорӣ ва дуруст татбиқ намудани он аз ҷониби субъектони танзимкунанада ва ба мушкилӣ дучор нагардидан ё роҳ надодан ба иштибоҳҳо ҳангоми мураттабсозии санадҳои қонунгузорӣ лоиҳаҳои таҳияшавандаи санадҳои қонунгузорӣ аз 30 қисм зиёдро дар бар нагиранд. **[1–М].**

8. Ҷиҳати баланд бардоштани сифати қонунгузории ҶТ ва мутобиқ намудан ба техникаи қонунгузорӣ дар моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳуми «Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» шарҳ дода шавад. **[1–М].**

9. Ворид намудани тағйиру иловаҳо аз рӯйи матнро қонунгузор маҳдуд накарда бошад ҳам, вале ҳангоми татбиқи техникаи мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки яке аз қоидаҳои муҳими ҳуқуқтатбиққкунӣ мебошад, мушкилии зиёдеро ба миён меорад. Бо ин мақсад ҷумлаи сеюми қисми 2 модда 56 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар таҳрири нав ифода карда шавад. **[1–М].**

10. Бо мақсади бартараф намудани норасоиҳо дар фаъолияти қонунгузорӣ дар хусуси аз эътибор соқит донистан ё боздоштани амали санадҳои зерқонунӣ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муҳлати муайян оид ба беэътибор донистани чунин санади зерқонунӣ аз ҷониби субъекти ҳуқуқэҷодкунанда муқаррар карда шавад. **[6–М].**

11. Бо дарназардошти таҷрибаи қонунгузории давлатҳои дигар, интишори тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қабули он дар таҳрири нав дар сомонаи махсуси электронӣ барои интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар баробари интишори онҳо дар нашрияҳои

расмӣ, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муайян гардидаанд, расман эътироф карда шавад. **[3–М].**

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ:

### I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ чоп шудаанд:

1. Ҷамшедзода, К.Ҷ. Баъзе масъалаҳои назариявии тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ [Матн] / К.Ҷ. Ҷамшедзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. – №10. (2) – С. 286-291. ISSN 2413-5151.
2. Ҷамшедзода, К.Ҷ. Усулҳои ҳуқуқэҷодкунӣ дар давлати миллӣ [Матн] / К.Ҷ. Ҷамшедзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон: Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2021. – №2.(22). – С. 84-93. ISSN 2414-9217.
3. Ҷамшедзода, К.Ҷ. Интишори тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун омили асосии қонунгузории мамлакат [Матн] / К.Ҷ. Ҷамшедзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2021. – №6.(26) – С. 233-238. ISSN 2413-5151.
4. Ҷамшедзода, К.Ҷ. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия ва қатъи амали он дар низоми қонунгузории ҶТ [Матн] / К.Ҷ. Ҷамшедзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон: Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2021. – №3.(23) – С. 130-138. ISSN 2414-9217.
5. Ҷамшедзода, К.Ҷ. Унсурҳои асосии техникаи ҳуқуқӣ [Матн] / А.Ғ. Холиқзода, К.Ҷ. Ҷамшедзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон: Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2022. – №1.(25) – С. 34-51. ISSN 2414-9217.
6. Ҷамшедзода, К.Ҷ., Қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ [Матн] / К.Ҷ. Ҷамшедзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – № 1. (37). – С. 31-39. ISSN 2307-5198.

### II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:

7. Ҷамшедзода, К.Ҷ., Холиқзода А.Ғ. Назаре ба усули илмият дар қонунгузории давлати миллӣ [Матн] / А.Ғ. Холиқзода, К.Ҷ. Ҷамшедзода // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо (маводи Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 17-22.
8. Ҷамшедзода, К.Ҷ., Холиқзода А.Ғ. Холиқов Н.А. Ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ ва коллективӣ дар мизони соҳибихтиёрии давлатӣ [Матн] /

К.Ҷ. Ҷамшедзода, А.Ғ. Холиқзода, Н.А. Холиқов // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар ҶТ: маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (7-уми декабри соли 2020) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 27-49.

9. Ҷамшедзода, К.Ҷ. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҶТ дар давраҳои шӯравӣ ва соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ [Матн] / К.Ҷ. Ҷамшедзода // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ таҳти унвони «Нақши идоракунии давлатӣ дар раванди саноатикунонии босуръати ҶТ» / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғафурзода А.Д. – (Душанбе: Матбааи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ, 2022. – С.104-115).

10. Ҷамшедзода, К.Ҷ. Мафҳум ва намуди техникаи ҳуқуқӣ [Матн] / К.Ҷ. Ҷамшедзода // Маводи Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ «XII хонишҳои Ломоносов» бахшида ба рӯзи илми тоҷик ва 30-солагии барқарор шудани муносибатҳои дипломатии ҶТ ва Федератсияи Россия / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Диноршоҳ А.М. – (Душанбе: Матбааи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов, 2022. –С. 650-654).

11. Ҷамшедзода, К.Ҷ. Унсурҳои таркибии техникаи қонунгузорӣ [Матн] / К.Ҷ. Ҷамшедзода // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ таҳти унвони «Нақши оила дар рушди босуботи давлатдории миллӣ» / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғафурзода А.Д. – (Душанбе: Матбааи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ, 2022. – С. 268-276).

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

*На правах рукописи*

УДК 342(091)(575.3)
ББК 67.6 (2 тоҷик)
Дж-30

**ДЖАМШЕДЗОДА КОМРОН ДЖАМШЕД**

# ТЕХНИКА ВНЕСЕНИЯ ИЗМЕНЕНИЙ И ДОПОЛНЕНИЙ В НОРМАТИВНЫЕ ПРАВОВЫЕ АКТЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ТЕОРИТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ

АВТОРЕФЕРАТ
диссертации на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учения о праве и государстве

**Душанбе – 2022**

Диссертация выполнена на кафедре прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета.

**Научный руководитель:** **Холикзода Абдурахим Гафор** – доктор юридических наук, профессор, директор Центра исламоведения при Президенте Республики Таджикистан

**Официальные оппоненты:** **Нематов Акмал Рауфджонович** - доктор юридических наук, доцент, главный научный сотрудник Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова, Национальной академии наук Таджикистана

**Кодирзода Сайидмуссо Мухибулло** - кандидат юридических наук, доцент кафедры государственного управления и права факультета государственного управления и права Дангаринского государственного университета

**Ведущая организация:** Академия Министерства внутренних дел Республики Таджикистан

Защита диссертации состоится «20» декабря 2022 года в 10:00 часов на заседании Диссертационного совета 6D.КОА-018 при ТНУ (734025, г. Душанбе, ул. Буни Хисорак, зал диссертационного Совета юридического факультета).

С содержанием диссертации можно ознакомиться на сайте www.tnu.tj и в центральной библиотеке ТНУ (734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17).

Автореферат разослан «__» ________ 2022 года.



**Ученый секретарь**
**диссертационного совета,**
**доктор юридических наук, доцент** **Назаров А.К.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** Источники в юридической науке доказывают, что с развитием общества постоянно меняются общественные отношения и, следовательно, адаптация законов к новым отношениям является главным условием обеспечения устойчивого политического, экономического, социального и культурного развития страны. Поэтому необходимо, чтобы высший законодательный орган регулярно уделял внимание уровню и качеству законов, совершенствованию механизма их реализации, удовлетворению требований общества и граждан. В процессе гармонизации содержания законов особое значение имеют правовые вопросы повышения качества законодательства, юридическая техника и порядок внесения изменений и дополнений в законодательные акты как особый порядок законодательного процесса.

Уровень правового государства зависит от уровня и качества его законов[1]. В связи с этим соблюдение правил юридической техники внесения изменений и дополнений в нормативные правовые акты, гармонизация законодательных актов с целью регулирования возникающих в обществе новых отношений, имеют первостепенное значение[2]. При этом возникают правовые вопросы правильной организации процесса изменение норм законодательных актов.

Концепция по прогнозного развития законодательства Республики Таджикистан, (в далее – РТ) утвержденная от 19 февраля 2011 года № 1021, Указом Президента РТ с учетом исправления недостатков в области законодательства в целях устранения несоответствий в законодательных актах; в то же время возникает необходимость четкого определения юридической силы нормативных правовых актов; имеет длинный список справочных критериев и других важных вопросов законодательного процесса[3]. Вопросы, обсуждаемые в Концепции, связаны с реформированием законодательного процесса и повышением качества законов в процессе внесения изменений и дополнений, что, несомненно, удваивает актуальность исследуемой темы.

Следует отметить, что процесс внесения многочисленных изменений и дополнений в действующие старые нормы и правила в процессе законодательной реформы со всеми нюансами регулирования новых отношений

---

[1] См.: Эмомали Рахмон – Гарант национальной независимости и стабильности государства // Речь Президента Республики Таджикистан, посвященная 15-й годовщине принятия Конституции Республики Таджикистан // Садои мардум, 9 ноября 2009 г. – №128 (2504).

[2] См.: Концепция правовой политики Республики Таджикистан на 2018-2028 гг. Указ Президента Республики Таджикистан от 6 февраля 2018 г., № 1005 // Адлия: Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан. Форма 7.0 // Министерство юстиции Республики Таджикистан. – Душанбе, 2020. (дата обращения: 04.10.2021 с.).

[3] См.: Концепция прогнозирования развития законодательства Республики Таджикистан, Указ Президента Республики Таджикистан от 19 февраля 2011 г., №1021. (дата обращения: 18.10.2021 с.).

и интеграции предмета новых норм со старыми, становится одним из важнейших полномочий законодательного органа. При этом понимание населением правовой природы нормативных актов; сбалансированные законодательные и законотворческие реформы в системе развития сообществ; понимание и усвоение способов исправления недостатков нормативных правовых актов законодательной властью в целях повышения качества законодательства и правового воспитания граждан в стране является важным вопросом развития законодательной системы страны.

Законодательная реформа и развитие в целом относятся к технической сфере внесения изменений в нормативные акты. С этой точки зрения в диссертации акцентируется внимание на необходимость исправления недостатков в технических нормах внесения изменений в нормативные акты, а также вырабатываются научно обоснованные предложения по их устранению в законодательном процессе и совершенствованию правовой системы страны.

Теоретические и практические вопросы, затронутые в диссертации, их приоритетность и актуальность определяют практическую и теоретическую значимость темы диссертационного исследования в научном пространстве страны.

